«Тасдиқ мекунам»

Ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои филология, профессор
_________ М. Раҷабзода

«_29_» _____июни_____ 2019 с.

# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Қодирова Дилноза Лутфуллоевна дар мавзӯи “Нақши маҷаллаи “Садои Шарқ” дар нақди адабии тоҷикии соҳои 70-90-и садаи XX”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниҳод гардидааст**

Дар ташаккул ва таҳаввули нақди адабии тоҷикии солҳои 70-90-и садаи XX нақши маҷаллаи «Садои Шарқ» назаррас буда, на фақат воқеияти ҳаёти адабиро инъикос кардааст, балки бо нашри маводи танқидӣ ба ҷараёни инкишофи адабиёт, аз ҷумла нақди адабӣ низ таъсир гузоштааст. Бешубҳа, таҳқиқ ва арзёбии масъалаи мазбур имкон медиҳад, ки дар заминаи маводи мушаххаси адабию танқидӣ равишҳои асосии назарӣ ва амалии нақди адабии он давра муайян карда шавад. Таҳқиқи мавзӯъ барои муайян намудани ҷустуҷӯҳои илмии мунаққидон, алоқамандии нақд бо афкори иҷтимоиву фарҳангӣ, ҳунарӣ ва ҳаёти ҷамъиятиву адабии ин давра мусоидат мекунад.

Дар давраи мавриди назар маводи интиқодие, ки дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шудааст, аҳён-аҳён мавриди таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқ қарор дошта, мақолаҳои М. Шукуров , Х. Шарифов  А. Сайфуллоев , Р. Ҳодизода , А. Сатторов, Х. Отахонова, Ю. Акбаров, А. Ҳакимов, Ҷ. Бақозода, А. Набиев, М. Муллоҷонов  ва дигарон вобаста ба мавзӯъ маводи дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чопшударо нақд ва арзёбӣ кардаанд.

Мавзӯи мазкур то имрӯз ба тадқиқи алоҳидаи монографӣ арзёбӣ нашуда, ҳамчун таҷрибаи аввали тадқиқ аҳамият дорад. Таълифоти то ин замон дар ин замина анҷомёфта тарзу тариқ, хусусият ва равиши

ҷомеи нақди адабиро дар мабнои маводе, ки маҷалла нашр кардааст, фаро намегирад. Ин ҳолат зарурати тадқиқи ҷомеи нақши маҷаллаи «Садои Шарқ»-ро дар инъикоси масъалаҳои муҳимми нақди адабии як давраи мушаххас ба миён мегузорад.

Дар ин тадқиқот вазъи нақди адабӣ дар солҳои 70 ва 90-и садаи XX дар заминаи маводе, ки дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шудаанд, баррасӣ гардид. Бинобар ин, ҳадафи аслӣ муайян кардани нақши маҷалла дар ташаккул ва таҳаввули нақди адабии тоҷик мебошад, ки бо назардошти дастовардҳои навини афкори таърихиву адабии муосир анҷом гирифт. Аз ин лиҳоз, барои ба ҳадафҳои асосӣ расидан ба ҳалли масъалаҳои зерин диққат дода шуд.

Ҳадафи таҳқиқ ва арзёбии масъалаҳои назарӣ ва худогоҳии нақди адабӣ дар заминаи маводе, ки дар маҷаллаи «Садои Шарқ» дар давоми солҳои 70 - 90 ошкор сохтани нақши сиёсати адабӣ , равишҳои инкишофи нақд, муайян намудани жанрҳои нақди адабӣ ва усулҳои арзёбии осори адабӣ, масъалаҳои нақди нақд, моҳияти ҳунарии он ва мавқеи чеҳраҳои адабӣ буда, арзёбии нақди шеър, равишҳои мавзӯӣ, ғоявию иҷтимоӣ, нақди жанрҳо ва балоғати тасвир, тамоюлҳои мавзӯиву ғоявӣ ва иҷтимоӣ ва масъалаҳои қаҳрамони осори насрӣ, хусусиятҳои бадеӣ, сабк ва сохтори жанрии нақди адабӣ баррасӣ шудааст.

Дар диссертатсия бори аввал нақши маҷаллаи «Садои Шарқ» дар ташаккул ва таҳаввули нақди адабии тоҷикии  солҳои 70 ва 90-уми садаи XX мавриди тадқиқ ва арзёбӣ қарор гирифта, масъалаҳои худогоҳии нақд, нақди назму наср, жанрҳо ва сабки онҳо, хусусиятҳои хоси ташаккул ва таҳаввули нақди адабӣ дар давраи мавриди назар таҳлилу баррасӣ шудааст. Сарчашма ва маводи таҳқиқот дар диссертатсия мақолаҳо, гузоришҳо, мусоҳибаҳо ва тақризҳои дар давоми солҳои ҳафтоду навад дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чопшударо ташкил медиҳад. Нуқтаҳои меҳварии диссертатсия аз бозтоби вазъи адабиву наққодии солҳои ҳафтоди адабиёти тоҷик, хусусиятҳои асосии раванди инкишоф ва бурду бохти нақди адабӣ дар ин давра, ташаккул ва таҳаввули нақди адабӣ, равишҳои солиму судманди он, рушди афкори солим ва холисонаи ҳунариву зебоишиносӣ, мавқеияти зебоишиносии маҷаллаи “Садои Шарқ” дар ҷараёни дарки махсусият ва навҷӯиҳои нақди адабӣ иборат мебошад.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Дар муқаддима зарурати таҳқиқ ва моҳияти

мавзӯъ асоснок ва ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот ва методи таҳқиқ муайян шуда, арзиши назарӣ ва амалии он мушаххас ва дараҷаи таҳқиқи масъала равшан гардидааст.

Боби аввали диссертатсия -“Масъалаҳои назарӣ ва равишҳои накди адабӣ дар маҷаллаи «Садои Шарқ» се фаслро дар бар мегирад. Дар фасли аввал -“Сиёсати адабӣ ва равишҳои инкишофи накди адабӣ” дар заминаи маводи маҷаллаи “Садои Шарқ” моҳияти сиёсати адабии замони Шуравӣ ва таъсири он ба раванди инкишофи накди адабӣ баррасӣ гардидааст. Маҷалла дар вакти арзёбии эҷодиёти адибон нишондодхои ҳизби коммунистро, ки аз тариқи қарорҳои анҷуманҳо ва ҳуҷҷатҳои дигар интишор меёфт, дастгирӣ ва амалӣ мекард. Дар диссертатсия ин масъалаҳо ҳаматарафа таҳлил ва арзёбӣ шудаанд.

Дар фасли дуюми боби мазкур таҳқиқи масъалаи “Жанрҳои накди адабӣ ва махсусияти таҳлили онҳо” бо таҳлили хусусиятҳои жанри мақола ва чеҳраи адабӣ дар мабнои воқеиятҳои адабии ин давра таҳлил ва арзёбӣ шуда, махсусияти мундариҷавии мақолаҳо ва чеҳраҳои адабӣ таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Диссертант бо далелҳо собит сохтааст, ки дар адабиёти шӯравӣ интихоби мавзӯъ як навъ пешакӣ мавқеи сиёсиву иҷтимоии муаллифро муайян мекард. Дар мақолаҳое, ки дар ин замина чоп шудаанд, таҳлилу арзёбии мавзӯи асар дар самти таҳлили воқеаҳо дар қисмати муқаддимавӣ, ки дар баррасии воқеаҳои асосии асар ҳамчун замина хидмат мекунанд ва таҳлили мавзӯи асар бо ҷанбаи мундариҷавии он, ки қисмати асосиро ташкил медиҳанд, ҷараён гирифтааст. Ҳамчунин, мақолаҳо ва таълифоти Р. Амонов, М. Шукуров, С. Табаров, А. Сайфуллоев, А. Сатторов, Ҷ. Бақозода ва дигарон ба таври муфассал таҳлил ва арзёбӣ шудааст.

Дар диссертатсия жанри чеҳраи адабӣ муфассал таҳлил ва арзёбӣ шуда, баъзе хусусиятҳо ва бурду бохти он нишон дода шудааст. Ин жанр симои адабӣ низ номида шуда, дар он сухан аз шахсияти инсонӣ ва ҳайсияти ҳунарии шоиру нависанда меравад. Дар саҳифаҳои маҷаллаи «Садои Шарқ» мо бо чеҳраҳои адабии Мирзо Турсунзода, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Мирсаид Миршакар, Абдусалом Деҳотӣ, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил ва дигарон дучор мешавем, ки ба қалами Раҳим Ҳошим, Носирҷон Маъсумӣ, Холиқ Мирзозода, Атахон Сайфуллоев, Соҳиб Табаров, Муҳаммадҷон Шукуров нигошта шудаанд. Дар ин миён чеҳраҳои адабие, ки Раҳим Ҳошим оид ба ҳаёт ва эҷодиёти Айнӣ, Лоҳутӣ, Пайрав ва дигарҳо навиштааст, ҷойгоҳи хос доранд.

Дар фасли савуми боби якуми рисола мушкилоти “Накди накд ва моҳияти ҳунарии он, ” яъне худогоҳии накди дар маҷаллаи “Садои Шарқ” нашршуда арзёбӣ шуда, муайян шудааст, ки он зери таъсири сиёсати адабии давр навишта шуда, бештар хусусияти тавсифӣ ва таблиғӣ доранд. Дар ин радиф мақолаҳо ва таълифоти мунаққидон ва адабиётшиносон М. Шукуров, Ҷ, Бақозода, Х. Отахонова А, Набиев ва дигарон, ки ба масъалаи накди накд (худогоҳии накд) бахшида шудаанд, муфассал таҳлил шудаанд. Дар мақолаҳое, ки маҷалла нашр кардааст, масъалаи худогоҳии накд ва нақши он дар арзёбии ҳодисаҳои ҷараёни адабӣ ва эҷодиёти адибон ба миён гузошта шуда, камбудиҳои дар ин равиш ҷойдошта бо таҳлили мушаххас нишон дода шудааст. Ҳамчунин, дар маҷаллаи «Садои Шарқ» бо нашри як силсила мақолаҳои танқидӣ вазъу ҳолат ва роҳҳои ташаккулу таҳаввули накди адабиро дар ҳама зинаҳо мавриди таваҷҷуҳ қарор додааст. Дар ин мавод нисбат ба накди адабӣ таҷдиди назар ҳам ба мушоҳида мерасад.

Боби дувуми рисола ба мавзӯи “Накди шеър ва хусусияти он” бахшида шуда, аз ду фасл иборат мебошад. Дар фасли аввал масъалаи “Равиши накди мавзӯиву ғоявӣ ва жанрӣ” мавриди баҳс қарор гирифтааст. Маводе, ки дар таҳлилу арзёбии шеър аз назари мавзӯъ ва ғояву моҳияти иҷтимоии он дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ба чоп расидааст, пеш аз ҳама, бар пайвандҳои осори адабӣ бо ҳаёти ҷомеа вобастагӣ дорад.

Дар боби мазкур баҳсҳо дар мақолаҳои А. Абдуманонов «Сухан аз қаҳрамонони лирикӣ”, Ҳ. Шодиқулов «Ду мавзӯи муҳимми шеъри имрӯз», Ю. Акбаров «Роҳ ба сӯйи дили инсон», А. Сайфуллоев «Назаре ба таърихияти шеъри муосир», Х. Мирзозода «Розҳои маҳрамона ё сурудҳои замонӣ», Ҳ. Муҳаммадиев «Сеҳри маҳорат», Р. Мусулмонкулов «Шеър машъал аст», Гулназар Келдиев «Замини барӯманди шеър» ва ғайра ба чоп расидаанд, ки вазъияти адабии танқиди адабии тоҷик, ба хусус накди шеърро равшан сохтааст. Ин муҳаққиқон ба тақозои қонуни инкишофи ғоявию эстетикии адабиёт масъалаҳои инкишофи шеъри муосирро аз назари ирсияти таърихӣ ва анъанаву навоварӣ таҳқиқ намуда, бо ин восита доир ба тамоюлҳои инкишофи ин навъи эҷоди бадеӣ андешаҳои муҳим баён доштаанд.

Дар фасли дувум “Хусусияти бадеии шеър ва накди он” арзёбии сохтори бадеии шеър аз ҷониби мунаққидон мавриди тадқиқ қарор гирифта, камбудиҳои накдро аз камтаваҷҷуҳии он ба шинохт ва арзёбии хусусиятҳои бадеии шеър маҳсуб донистаст. Бо вуҷуди ин, дар

давраи мавриди назар хусусиятҳои бадеии шеър мавриди таввачуҳи накд ва мунаққидони алоҳида қарор гирифта, масъалаҳои бадеияти шеър қариб дар охири ҳар мақола ба муҳокима кашида шудааст. Мунаққидон бештар ба тарзи офариниши образ, банду баст ва сужа таваҷҷуҳ кардаанд. Масъалаҳои балоғати шеър анқариб мавриди назар қарор нагирифтааст. Ҳамчунин, дар масъалаи сабки эҷод ва тарзи корбасти он низ назарҳои умумӣ ба мушоҳида мерасад. Хусусиятҳои бадеии шеъри ҷавонон дар мақолаи Ю. Акбаров, А. Ҳаким, Ф. Абдулло, Х. Шарифов, А. Сатторов ва чанде дигарон баррасӣ шуда, ба таври мушаххас баҳогузорӣ шудааст.

Боби савуми диссертатсия "Накди насри бадеӣ ва равишҳои ҳунарии он" се фаслро дар бар мегирад. Дар фасли аввал - "Тамоюлҳои ғоявӣ ва иҷтимоии накди наср"-андешаҳои мунаққидон ба накди ғоявиву иҷтимоӣ таҳлил ва арзёбӣ шуда, паҳлӯҳои гуногуни он мушаххас гардидааст. Дар заминаи муқоисаи маводи дар маҷалла чопшуда равиши ғоявию иҷтимоӣ ва хусусияти асосии инкишофи накди наср дар ин давра муайян гардида, бунёди ин равиши накд дар осори асили бадеӣ маҳсул ва мавлуди ҳаётӣ ва муҳити хоси иҷтимоӣ дониста шудааст. Табиист, ки чунин равиши накд сиёсати адабиро муайян намуда, таносуби падидаҳои адабиро бо сиёсати ҷорӣ ва тасаввуроти иҷтимоӣ мепайваст ва дар нашри мақолаҳои маҷаллаи «Садои Шарқ» дарҷ мегардид. Намунаи чунин таълифот мақолаҳои С.Табаров «Фақат ба пеш» ва «Муосирон - қаҳрамонони асосии адабиёт» мебошанд, ки намунаи накди расмиятгарои ғоявию иҷтимоӣ буда, дар онҳо ҳуҷҷатҳои ҳизбиро шарҳ дода, нависандагонро ба тасвири мавзӯоти музаффарияти замон ва меҳнат даъват намуда, моҳияти ҳунарии масъала равшан нагардидааст. Мақолаи Ю.Бобоев «Инқилоб ва таҳаввулоти роман» низ ҳамин гуна моҳият дошта, муаллиф тарафҳои бадеии масъаларо канор гузошта, мувофиқи талаботи ҳизб ҳамчун яроқ истифода шудани романро таъкид мекунад . Дар қиёс бо андешаҳои С. Табаров ва Ю. Бобоев назари М. Шукуров пешрав буда, асолати асили насриро дар ғоянокии онҳо шинохта, мавқеи ғоявии осори бадеиро омили ҷовидонагии он медонад.

Дар маҷмӯъ, диссертант дар заминаи маводи маҷаллаи "Садои Шарқ" накди насрро дар тамоюлнокии ғоявиву иҷтимоӣ гуногунранг дониста, мақолаҳои ҳадафи сирф идеологӣ ва хусусияти публитсистикаи иҷтимоиро муайян намуда, хусусияти таҳлилӣ ва илмӣ, дарачаву савияи фаъолияти адабӣ –танқидиро равшан сохтааст.

Дар фасли дувуми боби савум -"Қаҳрамони насри бадеӣ ва мушаххасоти он" баррасӣ ва таҳлили осори мансури дар маводи интиқодии маҷаллаи «Садои Шарқ» нашркарда арзёбӣ шудааст. Таҳлилу тадқиқи ин масъала тибқи талаботи мафкуравӣ ва ғоявию бадеии замон равшан гардида, новобаста ба тафовути дараҷаи касбии мунаққидон, мавқеи умумии онҳо доир ба ин масъала муайян шудааст. Дар ин фасл мақолаҳои А. Сайфуллоев «Образи одамони нав дар «Ёддоштҳо», «Роман дар бораи синфи коргар», «Ақидаҳои нави одамони куҳна» ва «Бурду бохти санъаткор» ҳамчун намунаи нақди иҷтимоъгаро ва мафкуравӣ таҳлил шуда, мунаққидон ба қаҳрамонони романҳои С.Айнӣ аз мавқеи фаъолияти иҷтимоӣ ва сифатҳои мубориизии онҳо баҳо дода, камолоти тадриҷии қаҳрамононро дар оинаи ҳаёт ва матни муборизаҳои синфӣ нишон додаанд.

Назари мунаққидон дар арзёбии ин мушкилот гуногун мебошад. Агар Соҳиб Табаров ин гуна қаҳрамонро аз оинаи ҳаёти воқеӣ-таърихии давр берун мекашад ва инъикоси корномаи қаҳрамони давронро аз нависандагон талаб мекунад, пас, М. Шукуров дар мақолааш «Қаҳрамони ҳаёт - қаҳрамони адабиёт» (1973) қаҳрамони повести П. Толис «Тобистон»(1959) - ро дар насри тоҷик як қаҳрамони нав мешиносад. Дар натиҷа, дар наср ва нақди тоҷик тасвир ва шинохти қаҳрамони воқеӣ аз Ҳасан- қаҳрамони повести П. Толис шурӯъ гардида, симои маънавии ҳамзамонони ҷавони моро муайян менамояд.   Мунаққидон дар нақди қаҳрамонони асосии наср, пеш аз ҳама, мавқеияти иҷтимоии онҳо, ҷузъиёти зиндагиномаро бо мақсади ошкор намудани давраҳои асосии ташаккули шахсият ба эътибор гирифта, бо назардошти ҳомили кадом ғояву мавқеъҳои иҷтимоии муаллиф будани қаҳрамон хулқу хӯйи қаҳрамонро ошкор мекунанд. Талоши аксари мунаққидон дар ин равиш ба шинохти мавқеияти идеявии нависанда равона карда шудааст.Дар мақолот ва таълифоти наққодон нақди мавзӯи қаҳрамони насри бадеӣ дар маҷалла дар ҳамин замина бо табақабандии қаҳрамонҳо ба мусбату манфӣ, зан, ҷавонон ва намояндагони касбу кори гуногун гароиш доштааст, ки коркарди иҷтимоиву тавсифӣ хусусияти онро муайян мекунад ва намунаҳои ин гуна мавод дар рисола дар мисоли навиштаҳои Р, Амонов, Х. Отахонова, А. Сайфуллоев ва дигарон таҳлил ва арзёбӣ шудаанд.

Фасли савуми боби саввуми диссертатсия -"Нақди ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва сабки нависандагон" ба арзёбии мақолаҳои Ш. Ҳусейнзода

«Дар ҷустуҷӯи маҳорат» ва С. Табаров «Ҳаким Карим ва новеллаи советии тоҷик» бахшида шуда, маъалаҳои ҷустуҷӯҳои бадеии нависандагон, маҳорати ҳунарӣ, анъана ва суннатҳои адабиёти классикӣ, адабиёти халқҳои дигар ва омӯхтани таҷрибаи эҷодии адибонро баррасӣ менамояд. Муаллифи рисода хусусияти насри бадеиро дар тӯли солҳои мавриди назар дар заминаи маводи маҷаллаи «Садои Шарқ» таҳлил намуда, масъалаҳои корбурди ҳунармандонаи забонро ташреҳ додааст. Ба ин мақсад, мақолаи Н. Маъсумӣ «Забон ва маҳорати адабӣ» таҳлил шуда, масъалаи риояи забони адабии бадеӣ вобаста ба маҳорати тасвири бадеӣ, услуб ва тарзи баён ва тадқиқи ҳаматарафаи онро муҳим мешуморад. Дар мақолаи С. Табаров - «Услуби бадеӣ ва насри муосири тоҷик» маҳорати ҳунарӣ ва хусусиятҳои забонии осори Ҷ. Икромӣ тадқиқ гардидааст.

Дар диссертатсия аксари мақолаву тақризҳои ба осори насрӣ бахшидашуда ҳамчун падидаи ҳунариву зебоишинохтӣ накд ва арзёбӣ шуда, дар ин замина ҷустуҷӯҳои бадеии нависандагон муайян ва таҳлил шудааст. Ин тамоюли накд дар мақолаҳои дар маҷалла чопшудаи М. Шукуров, А. Сайфуллоев, Х. Шарифов, А. Набиев, Р. Мусулмонқулов ва А. Насриддинов хеле барҷаста арзи вуҷуд кардааст, ки аз ҷониби муаллифи рисола дақиқона баррасӣ шудааст.

Ҳамчунин, бо таҳлилҳои мушаххас доир ба махсусияти бадеии осори нависандагон, маҳорати ҳунарии онҳо сухан рафта, масъалаҳои сабки нигориш фақат дар доираи масъалаҳои забон, қоидаҳои имло ва истифодаи калимаву ибораҳо матраҳ шудааст. Дар маводе, ки маҷалла нимаи дуюми солҳои ҳаштод ва ибтидои навад чоп кардааст, масъалаи ҳамчун падидаи ҳунарӣ шинохтани осори насрӣ имтиёз дошта, мунаққидон ба таҳқиқи паҳлӯҳои зебоишинохтии таълифоти нависандагон талош кардаанд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷагириҳои тадқиқот зикр шуда, дар маводи давраи мавриди назари ҳаёти адабӣ зери таъсири сиёсати ҳизб ва давлати Шӯравӣ ҷараён дошта, адибон ва мунаққидон дар мақолаҳову гузоришҳояшон аз ин қарорҳо дастгирӣ карда, раҳнамои сиёсати адабию фарҳангии ҳизбу давлат будани адабиёт ва накди адабиро таблиғу таъкид ва талаботи мафкуравии ҳизбро бо масъалаҳои ҳаёти адабӣ мутобиқ мекарданд. Дар ин равиш маҷалла мақолаҳои мунаққидон С. Табаров, М. Шукуров, Х. Отахонова, А. Сайфуллоев, Х. Шарифов, А. Сатторов, А. Ҳакимов, Ю. Акбаров, Х. Шодиқулов ва дигаронро дар бар мегирифт. Дар натиҷа маводи

маҷаллаи “Садои Шарқ”ташаккули тадриҷии нақди адабӣ ва аз ҷиҳати ҳунар ба нақди русӣ наздик шудани онро нишон дода, қаробати масъалаҳои куллии зебоишиносӣ ва назарияи адабиётро матраҳ менамуд.

Аҳаммияти амалӣ ва назарии диссертатсияи пешниходшуда барои илмҳои адабиётшиносии тоҷик кам нест ва инро аз хулосаҳои илмии кор дарк карда метавонем. Маводи зиёди илмӣ ва наққодии истифодашуда аз камолоти илмии муаллифи кор маълумот медиҳад.

Бо вуҷуди ин, диссертатсия аз камбудиҳо ва норасоиҳои зерин холӣ нест, ки ислоҳи онҳо боиси боз ҳам мукаммал гардидани пажӯҳиши масъалаи асосӣ мегардад:

1. Дар диссертатсия баъзе масъалаҳо монанд ва шабеҳи ҳамдигаранд ва табақабандии намудҳои нақд ба фоидаи кор мебуд.

2. Диссертант кӯшидаст, ки равиш ва падидаҳои нақди адабиро дар заминаи маводи маҷаллаи “Садои Шарқ” арзёбӣ ва муайян созад. Ин иқдоми муаллифи диссертатсия қобили таҳсин аст, вале чунин ба назар мерасад, ки вай дар истифодаи истилоҳоти наққодӣ ва навъҳои нақд баъзан ба омезиш роҳ медиҳад.

3. Дар диссертатсия доир ба хусусияти бадеии осори нависандагон, маҳорати ҳунарии онҳо сухан рафта, масъалаҳои сабки нигориш хеле маҳдуд, фақат дар доираи масъалаҳои забон, қоидаҳои имло ва истифодаи калимаву ибораҳо матраҳ шудааст.

4. Дар матни диссертатсия ва рӯйхати номгӯи адабиёт нуқсонҳои имловӣ ва техникӣ мушоҳида мешавад, ки бартараф намудани онҳо зарур аст.

Характери ҷузъӣ доштани эродҳои боло арзишҳои амалӣ ва назарии диссертатсияи барои ҳимоя пешниҳодшударо коҳиш намедиҳанд. Муқоисаи мухтавои автореферат бо диссертатсия ва ҳамчунон, мазмуну мавзӯи мақолаҳои чопнамудаи муаллиф нишон дод, ки онҳо ба пуррагӣ ба мавзӯи асосии таҳқиқ мувофиқат мекунанд. Ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода тахти қарори № 12, аз 27-уми июни соли 2019 диссертатсияи Қодирова Дилноза Лутфуллоевнаро дар мавзӯи “Нақши маҷаллаи “Садои Шарқ” дар нақди адабии тоҷикии солҳои 70-90-и садаи бист”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниход гардидааст, кори анҷомёфта ва муҳимму мубраме меҳисобад, ки дар

сатҳи баланди илмӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф ёфтааст ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 18 нафар, «зид» – нест , «бетараф» – нест.

Мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, н.и.ф., дотсент — Шамсов Нурмад Сироҷович

Муқарриз: н.и.ф., дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДЗТ ба номи С. Улуғзода — Раҷабова Қаноат Ҳоҷиматовна

Имзои н.и.ф., дотсентон Шамсов Н. С. ва Раҷабова Қ.Ҳ.- ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳои Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода — Ш. Наҷмуддинов

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 16/7

Тел: 232-50-00, 232-50-03; Моб: (992) 918389405

E-mail: shamsov1960@mail.ru